«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Ҳушвахтзода Қ.Х.
_____
_____2022

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи доктории “Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб” (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Шодиев Рустамхон Азизулоевич аз соли 1997 ба ҳайси ассистенти кафедраи филологияи Эрони факултети шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кор қабул гардида, алҳол дар вазифаи декани факултети забонҳои Осиё ва Аврупо фаъолият дорад. Ӯ соли 1997 шуъбаи форсии факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳозира ДМТ)-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти Шарқ, касби филолог, муаллими забон ва адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ бо дипломи аъло хатм кардааст. Аз соли 1997 то 2022 дар кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо аз вазифаи ассистентӣ то ба дотсенти кафедра фаъолият намудааст.

Шодиев Рустамхон Азизулоевич соли 2010 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи “Лексикаи феъл ва калимасозии феъл дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиҳои Амрико ва Австралия (забонҳои эронӣ) ҳимоя кардааст.

Мушовири илмии унвонҷӯ доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Назарзода Сайфиддин мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ (31.03.2015, қарори № 7) ва дар Шурои олимони ДМТ (22.05.2015, қарори № 13) тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Солҳои охир таваҷҷуҳи ҷомеа ба фарҳанги суннатии мардум, ки дар худ хотираи халқу миллатро сабт менамояд, кам шудааст. Аҳли таҳқиқ ба миён омадани ин ҳолат, яъне бетаваҷҷуҳӣ ба фарҳанги суннатии мардумро ба дунёи нави иттилоотӣ ва фановарӣ марбут медонанд. Этнолингвистика илмест, ки маҳз ҳамин мушкилот, яъне робитаи байни падидаҳои забонию фарҳангиро мавриди омӯзиши густурда қарор медиҳад. Дар шинохти этнолингвистика ду ҷанбаи асосӣ вуҷуд дорад. Ҷанбаи аввал фарҳангро тавассути забон фаро гирифта, ҷанбаи дувум иттилооти забониро дар заминаи фарҳанг меомӯзад. Як ҷанбаи этнолингвистика аз рӯйи мавзуъ ва ҳадафҳои таҳқиқоташ ба этнология қаробат дорад ва ба таҳқиқи масъалаи вазифаи забон ҳамчун зернизоми фарҳанг машғул гардида, метавонад дар бобати ба истилоҳ «этнодонишҳо» маълумот пешниҳод намояд. Ҷанбаи дигар як бахши муҳимми забоншиносӣ будани этнолингвистика аст, ки оид ба таҳияи назарияҳои умумии муоширати забонӣ дар заминаи фарҳангҳои мушаххас масъалагузорӣ намуда, бо забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) ва забоншиносии равонӣ (психолингвистика) омезиш пайдо мекунад.

Мубрамияти рисолаи илмии мавриди назар пеш аз ҳама дар он аст, ки дар забоншиносии тоҷик бори нахуст гӯйишҳои як минтақаи васеи Тоҷикистон аз нуқтаи назари этнолингвистӣ ё пайванд бо суннатҳои мардумӣ дар шакли диссертатсияи докторӣ мавриди баррасӣ ва пажуҳиши илмӣ қарор мегирад. Инчунин, дар робита ба гӯйишҳои минтақаҳои Тоҷикистон аз нуқтаи назари этнолингвистӣ ва гӯйишҳои минтақавӣ ҳамчун як ҷузъи том ҳанӯз таҳқиқоти маҷмуӣ сурат

нагирифтааст ва таълифи диссертатсияи мавриди назар дар ин замина холигоҳи пажуҳиширо пур мекунад.

Этнолингвистика ҳамчун шохаи алоҳидаи илми забоншиносӣ аввалҳои асри XX ба вуҷуд омад, вале истилоҳи этнолингвистика ва равишҳои этнолингвистӣ дар илми забоншиносӣ собиқаи пештар доранд. Андешаҳои наздик ба этнолингвистика дар асарҳои И.Г. Гердер (а. XVIII), В. Гумболд, Ф. Буслаев, А. Афанасев ва А. Потебня (а. XIX) ба мушоҳида мерасанд. Пайдоиши равияи илмии этнолингвистика бо номи пажуҳишгарони амрикоӣ – мардумшинос Франс Боас ва забоншиносу мардумшинос Эдуард Сепир алоқаманд мебошад, ки дар робита ба забонҳои бехати ҳиндувони амрикоӣ (сокинони муқимии Амрико) ва фарҳангу анъанаҳои онҳо таҳқиқот анҷом додаанд. Ин таҳқиқоти бунёдӣ ба пайдоиши равияи илмии этнолингвистика пойдевори мустаҳкам гузошт.

Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ муҳаққиқ ба дастовардҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ба монанди Ф.Боас, Э. Сепир, Б. Уорф, Ҷ. Локк, Д. Ҳаймз, Ж. Фрибур, Р.Миллер, Г. Лейбнитс, Н.Толстой, Е.Борвини, Э. Кондиляк, Г.Брутян, А.Герд, Г.Кабакова, А. Вежбиский, Ю.Д. Апресян, И.А. Мелчук, А.К. Жолтовский Е.В., Постовалова, М. Бородин, В. Расторгуева, Е. С. Яковлева, Б. А. Серебренников, Ю.С. Степанов, Саймиддинов Д., Камолиддинов Б., Шарофов Н., Исмоилов Ш., Ҷӯраев Ғ., Маҷидов Ҳ., Ҷамшедов П., Искандарова Д.М., Алиев Б.П., Давлатмирова М.Б., Қосимов. О.Ҳ., Султон Ҳ.Б., Назарзода С., Мирбобоев А., Ҳасанова М. И., Назаров М.М., Кабиров Х.Ш. такя намуда, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Унвонҷӯ ҷиҳати ба **мақсаду ҳадафҳои** худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- Таҳқиқи гӯйишҳои минтақавӣ дар даврахои рушди забонҳои эронӣ аз нуқтаи назари таърихӣ ва этнолингвистӣ (масъалаҳои назарӣ).

- Муайян намудани робитаи гӯйишҳои минтақавӣ бо забони адабии тоҷикӣ.

- Нишон додани омилҳои забонӣ ва этнолингвистии вожаҳои хоси гӯйишҳои забони тоҷикӣ.

- Баррасии вазъи забонӣ ва ҳимояи забонҳо дар этнолингвистика.

- Таҳқиқи гӯйишҳои минтақавии забони тоҷикӣ.

- Баррасии вазъи таърихию ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб дар се давраи рушди забони тоҷикӣ (бостон, миёна ва нав).

- Гунаҳо ва табодули таърихии номҳои ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб.

- Аз назар гузаронидани қолабҳои сохтории вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб.

- Ба гурӯҳҳои луғавӣ ва маъноӣ ҷудо намудани вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб.

- Робитаи этнолингвистика бо фолклор ва таҳқиқи этнолингвистии фолклори минтақавӣ дар забоншиносии тоҷик.

Объекти таҳқиқ муносибати этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб буда, он дар чорчӯби илми этнолингвистикаи муосир аз нуқтаи назари забон ҳамчун объекти лингвистика, гӯйишҳо ва нақши он дар этнолингвистика, пайдоиши гӯйишҳои минтақавӣ дар забони тоҷикӣ, вазъи забонии гӯйишҳои Кӯлоб дар марҳилаҳои гуногуни рушди забон, таҳлили мавзуӣ ва маъноии гурӯҳҳои мавзуӣ ва вожагонӣ, таҳқиқи вожаҳои хоси гӯйишҳои Кӯлоб ва робитаи гӯйишҳо бо эҷодиёти шифоҳии мардум мебошад.

Сарчашмаҳои асосии диссертатсия аз забони гуфтугӯйи мардум, осори илмӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабию бадеӣ ва фарҳангномаҳо гирд оварда шудаанд. Манбаи асосии маводи гирдовардаи моро луғату вожаҳои осори таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ, луғату фарҳангҳои тафсирии ба забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ таълифнамуда, чун «Луғатнома»-и Деҳхудо, «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги гӯйишҳои ҷануби забони тоҷикӣ», «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», «Вожаномаи Шоҳнома»-и Парвиз Атобакӣ, «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муин, маводи дар баргаҳо гирдовардаи муаллиф аз забони гуфтугӯйӣ ва ғайра мебошад. Ҳамчунин ҳангоми таълифи диссертатсия аз як қатор донишномаҳо, аз қабили

- Нишон додани омилҳои забонӣ ва этнолингвистии вожаҳои хоси гӯйишҳои забони тоҷикӣ.

- Баррасии вазъи забонӣ ва ҳимояи забонҳо дар этнолингвистика.

- Таҳқиқи гӯйишҳои минтақавии забони тоҷикӣ.

- Баррасии вазъи таърихию ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб дар се давраи рушди забони тоҷикӣ (бостон, миёна ва нав).

- Гунаҳо ва табодули таърихии номҳои ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб.

- Аз назар гузаронидани қолабҳои сохтории вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб.

- Ба гурӯҳҳои луғавӣ ва маъноӣ ҷудо намудани вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб.

- Робитаи этнолингвистика бо фолклор ва таҳқиқи этнолингвистии фолклори минтақавӣ дар забоншиносии тоҷик.

Объекти таҳқиқ муносибати этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб буда, он дар чорчӯби илми этнолингвистикаи муосир аз нуқтаи назари забон ҳамчун объекти лингвистика, гӯйишҳо ва нақши он дар этнолингвистика, пайдоиши гӯйишҳои минтақавӣ дар забони тоҷикӣ, вазъи забонии гӯйишҳои Кӯлоб дар марҳилаҳои гуногуни рушди забон, таҳлили мавзуӣ ва маъноии гурӯҳҳои мавзуӣ ва вожагонӣ, таҳқиқи вожаҳои хоси гӯйишҳои Кӯлоб ва робитаи гӯйишҳо бо эҷодиёти шифоҳии мардум мебошад.

Сарчашмаҳои асосии диссертатсия аз забони гуфтугӯйи мардум, осори илмӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабию бадеӣ ва фарҳангномаҳо гирд оварда шудаанд. Манбаи асосии маводи гирдовардаи моро луғату вожаҳои осори таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ, луғату фарҳангҳои тафсирии ба забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ таълифнамуда, чун «Луғатнома»-и Деҳхудо, «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги гӯйишҳои ҷануби забони тоҷикӣ», «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», «Вожаномаи Шоҳнома»-и Парвиз Атобакӣ, «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммад Муин, маводи дар баргаҳо гирдовардаи муаллиф аз забони гуфтугӯйӣ ва ғайра мебошад. Ҳамчунин ҳангоми таълифи диссертатсия аз як қатор донишномаҳо, аз қабили

«Фарҳанги мардуми тоҷик» ва «Энсиклопедияи советии тоҷик (ЭСТ)» (иборат аз 8 ҷилд) истифода бурда шуд.

Асосҳои назарии таҳқиқ осори донишмандони ватаниву хориҷӣ оид ба этнолингвистика, муносибати забон ва ҷомеа, гӯйишҳои гуногуни забон, пайдоиши гӯйишҳои минтақавӣ, хусусиятҳои хоси лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва махсусан гӯйишҳои Кӯлоб буда, дар оянда барои пажуҳиши пурвусъати этнолингвистӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат мекунад. Натиҷаи пажуҳиши илмӣ дар бораи гӯйишҳои минтақавӣ дар намунаи гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб барои муайян кардани самтҳои мухталифи этнолингвистӣ дар сохтори забон аҳаммияти бузурги илмию амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқи мавриди назар пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик гӯйишҳои минтақавӣ дар намунаи гӯйишҳои Кӯлоб аз лиҳози этнолингвистӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст ҳампайвандии забону фарҳанги тоҷикӣ дар заминаи гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб ба таври илмӣ таҳқиқ шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия бори аввал оид ба вазъи забонии минтақаи Кӯлоб дар се давраи таърихии рушди забони тоҷикӣ, дигаргуниҳои таърихии номҳои ҷуғрофии ин минтақа, гурӯҳҳои мавзуӣ ва қолабҳои сохтории вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб таҳқиқ анҷом пазируфтааст.

Ҷанбаи дигари муҳимми диссертатсия аз он иборат аст, ки ба таҳқиқоти минбаъда дар заминаи этнолингвистикаи гӯйишҳои дигар минтақаҳои мамлакат роҳ боз мекунад.

Натиҷаҳои амалии рисоларо метавон зимни таълифи китобҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба этнолигвистика, лаҳҷашиносӣ, топонимика ва дарсҳои амалии донишҷӯёни факултетҳои филологӣ мавриди истифода қарор дод. Маводи диссертатсия ҳангоми навиштани китобҳои илмию дарсӣ аз этнолингвистика (забоншиносии қавмӣ), мардумшиносӣ, номҳои ҷуғрофӣ ва ғайра метавонад ҳамчун манбаъ истифода бурда шавад.

Мухтавои асосии диссертатсия дар як монография ва 30 мақолаи муаллиф, ки аз байни онҳо 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инҳикос ёфтааст:

1. Як қолаби феълҳои таркибӣ дар забони порсии дарӣ (дар ҳаммуаллифӣ)// Ахбори АИ ҶТ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: 2012. -№ 3 (253). – С. 72-75

2. Номи бемористон ва баробариҳои он дар суннати форсӣ-тоҷикӣ (дар ҳаммуаллифӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2015. -№ 4/1 (159). – С. 117-121.

3. Шаклҳои таърихии номи Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2017. -№ 4/7. – С. 259-262.

4. Шарҳи решашиносӣ ва табдили овоии чанд номи ҷуғрофӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2018. -№ 3. – С. 123-126.

5. Таҳлили лингвистии баъзе аз номҳои ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2018. -№ 4. – С. 139-142.

6. Таҳқиқи таърихӣ ва лингвистии луғати вижаи гӯйишҳои Кӯлоб // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2018. -№ 6. – С. 121-127.

7. Шарҳи лингвистии вожаҳои вижаи минтақаи Кӯлоб // Ахбори АИ ҶТ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: 2018. -№ 3 (253). – С. 165-171.

8. Чиниҳо дар бораи забони бохтарӣ дар Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2019. -№ 1. – С. 35-40.

9. Шарҳи этимологии номи ҷуғрофии Леваканд (Ливканд) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2019. -№ 6. – С. 14-17.

10. Вожаҳои куҳан дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ // Ахбори АИ ҶТ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: 2019. -№ 3 (256). – С. 146-149.

11. Пажӯҳиши решашиносии номвожаи Пушинг // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2020. -№ 7. – С. 52-54.

12. Нақши пажӯҳишҳои этнолингвистӣ дар забоншиносии тоҷик // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2020. -№ 8. – С. 25-30.

13. Вазъи забони ҳамчун объекти этнолингвистика //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2020. -№ 8. – С. 126-131.

14. Робитаи илмҳои гуногун бо этнолингвистика ва фолклор // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2022. -№ 1. – С. 5-11.

15. Пажуҳиши регионолект дар забоншиносии муосир //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2022. -№ 1. – С. 103-111.

16. Этногенез ва таърихи этникӣ – объекти муҳимми этнолингвистика // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2022. -№ 1. – С. 36-44.

17. Этнолингвистика ва зарурати таҳқиқи забонии фолклори Кӯлоб // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2022. -№ 2. – С. 23-28.

18. Этнолингвистические исследования в кулябском фольклоре // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: “Сино”, 2022. -№ 3. – С. 14-21.

Диссертатсияи доктории “Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб” (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизулоевичро дар мавзуи “Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб” (таҳқиқи таърихӣ ва ҳамзамонӣ) кори илмии баанҷомрасида меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 16 нафар, аз ҷумла 6 нафар доктори илми филология, 10 нафар номзади илми филология иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0, қарори № 9 аз 14-уми майи соли 2022.

Мудири кафедраи филологияи Эрон,
доктори илми филология, профессор Сафаров Умархӯҷа
тел.: (+992) 985786711
почтаи эл: umar_safar@mail.ru

Мудири кафедраи таърихи забон ва типология,
номзади илми филология, дотсент Камолзода Хуршед
тел.: (+992) 907724706
почтаи эл: khkamolov@gmail.com

Котиби илмӣ: номзади илми филология,
дотсент Қосимов Ҷумъахон
тел.: (+992) 918780706
Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: **(+992-37) 221-77-11** Факс: **(+992-37) 221-48-84**
E-mail: **info@tnu.tjint.re@gmail.com** http://www.tnu.tj

Имзои: Сафаров У., Камолзода Х. ва Қосимов Ҷ.-ро
«Тасдиқ мекунам»
сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.